Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст!

# БЕШКЕНТ

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Носири Хусрав

Рӯзнома аз соли 1999 нашр мешавад

№05-06 (275), 07 Марти соли 2020

Дар ин шумора:

ОҒОЗИ КИШТИ ПАХТА ДАР НОҲИЯ



Саҳ. 2

ЯКШАБА ОН РАНҶ, КИ МОДАР КАШИД



Саҳ. 3

НАҚШИ ВАО ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶОМЕА ВА ДАВРАИ КОМИЛАН НАВ АЗ ЛИҲОЗИ СОХТОР ВА УСЛУБИ КОР



Саҳ. 4

ТУ ҶОВИД ЗИНДАӢ ДАР ҚАЛБИ ПОКАМ




Саҳ. 5

ГУЛЕ АЗ ГУЛИСТОНИ ВАХШОНЗАМИН

Саҳ. 6

## МАРДУМИ МО АЗ ҚАДИМУЛАЙЁМ БА ҚАДРУ МАРТАБАИ ВОЛОИ МОДАР АРҶ МЕГУЗОРАД

***Табрикоти раиси ноҳияи Носири Хусрав, муҳтарам Нишонзода Даврон Назаралӣ бахшида ба «Рӯзи Модар»***

***Модарону хоҳарони азизу гиромиқадр!***

Ҷашни расмии давлатӣ эълон шудани «Рӯзи Модар» дар кишвари азизамон гувоҳи равшани мақому манзалати баланди Шумо, модарони азизу меҳрубон дар ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад.

Ҳамаи Шуморо бо ин иди фархунда, ки ба оғози зеботарин фасли сол - баҳор ва арафаи бузургтарин ҷашни миллиамон - Наврӯзи байналмиллалӣ, оғози кишту кор, зиндашавии табиат баробар омадааст, самимона табрику таҳният менамоям.

Мардуми мо аз қадимулайём ба қадру мартабаи волои модар арҷ мегузорад ва ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми ӯ то ба имрӯз яке аз суннатҳои миллии мо ба шумор меравад.

Ниёгони мо ба қадру қимат ва эҳтироми модар ҳамчун офарандаи ҳаёт ва парварандаи арзишҳои умумибашарӣ, ба монанди муҳаббат ва дӯстӣ, адолатпешагиву ҳақталошӣ, сулҳу оромӣ дар оилаву ҷомеа, тарбиятгари инсони поксириშту накӯкор, далеру шуҷоъ ва ватандӯсту ватанпарвар мерасиданд.

Модар нахуст устоди башарият аст ва фарзанд каломи ибтидоро азӯмеомӯзад. Модар - Зан -Зиндагиофар, канзи ишқу муҳаббат, сидқу вафо, ҷароғи мунаввари хонадон мебошад.

Мо аз саҳифаҳои таърихи хеш хуб медонем, ки дар давраҳои гуногун занону модарон дар қатори мардон ба муқобили аҷнабиён муборизаи беамон бурда, дар таъмини озодиву истиқлолият ва оромиву суботи сарзамини аҷдодӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Маҳз ба ҳамин хотир барои мо мафҳумҳои Модар ва Ватан ҳаммаъно ва бисёр азизу муқаддас мебошанд. Мақому манзалати волои модар, заҳматҳои беандозаи ӯ ва рафтори неку пурмуҳаббаташ нисбат ба наслҳои башарият боис гардид, ки модарро ҳамчун бузургтарин ва муқаддастарин инсон ҳамеша дӯст доранд ва азиз шуморанд.

Чунонки Абӯрайҳони Берунӣ менависад, дар байни ҷашну маросимҳои мардуми тоҷик ҳанӯз аз замонҳои қадим анъанаи ҷашнгирии «Иди модар» роиҷ будааст.

Тибқи гуфтаҳои ӯ ин ид дар сарзамини тоҷикон дар моҳи сеюми зимистон, ки Исфандормаз ном дошт, яъне мутобиқ ба моҳҳои феврал-март ҳамчун иди иффату зебоӣ ва бузургдошти зан - модар васеъ ҷашн гирифта мешудааст.

Ҳарчанд ки бо мурури замон ин иди бошукӯҳи таърихии аҷдоди мо фаромӯш гардида буд, вале ба шарофати истиқлолияти давлатии кишварамон аз нав зинда гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири эҳёи намудани анъанаҳои неки гузаштагонамон дар мамлакат доир ба «Рӯзи модар» фармон таҳия намуда, онро ба феҳристи ҷашнҳои расмии давлати соҳибистиқлоламон ворид намуд.

Ин санаи муборак дар кишвари азизамон



бо шукӯҳу самимияти хоса ҷашн гирифта мешавад. Дар ин рӯзи муборaку хуҷаста фарзандон, хешону наздикон ва дӯстон бо либосҳои рангину зебо, чеҳраҳои хандону пурмеҳри худ модаронро табрик менамоянд ва дуои пурбаракати онҳоро мегиранд, зеро муқаддастарин ва воҷибтарин дуо барои инсон дуои модар аст.

Дар қалби бузурги модар ҷаҳон ҷой мегирад.

Модар ҳар як нияту иқдом, ҳар як рафтору кирдори фарзандашро эҳсос менамояд ва мекӯшад, ки ӯро ба сӯи зиндагии шоиставу пурсаодат роҳнамоӣ созад.

Дар Паёми имсолаи худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хоса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаҳои давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст.

Инчунин дар давраи соҳибистиқлолӣ ташаббусҳои занон доим аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфта, бо мақсади амалӣ намудани онҳо тадбирҳои ҷиддӣ андешида мешаванд. Имрӯз бонувон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ қисми зиёди кормандонро ташкил намуда, аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 24,5 фоизро бонувон ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилот ва кулли аъзои ҷомеъаро тақозо мекунад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад.

Аз шумораи 39426 нафар аҳолии ноҳия 20016 нафарашонро занону духтарон ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб теъдоди занони қобили меҳнат 10166 нафар мебошад, айни замон теъдоди занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда 83 нафарро ташкил медиҳад.

Ба ҳамаи мову Шумо маълум аст, ки дар таърихи 1 марти соли равон дар сартосари кишвари азизамон интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ гузаронида шуда, ҳиссаи занон дар ҳайати вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 13-нафар ва ба вакилии Маҷлиси вакилони ҷамоатҳои деҳот 12 нафар интихоб гардиданд.

Аз соли 1997 то соли 2019 231 нафар духтарони ноҳия тибқи квотаи Президентӣ дар мактабҳои олӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Мо итминони комил дорем, ки шинохти дирӯз ва имрӯзу фардо, ифтихор аз ваҳдату давлатдории миллӣ ва ба ҷо овардани шукронаи соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ мардуми моро ба мақсад мерасонад.

Бори дигар ҳамаи Шумо, модарону хоҳарони азизро ба муносибати «Рӯзи модар» самимона табрик гуфта, ба аҳли хонаводаи ҳар кадоматон бахту саодат, ободии рӯзгор ва сиҳатии комилро таманно менамоям!

***Ҳамеша хушбахт ва саломат бошед модарон ва хоҳарони азиз!***

**Обу ҳаво**

| Рӯз | Сана | Рӯзона | Шабона |
|---|---|---|---|
| Шанбе | 7.03.2020 | +13 | +6 |
| Якшанбе | 8.03.2020 | +12 | +8 |
| Душанбе | 9.03.2020 | +13 | +10 |
| Сешанбе | 10.03.2020 | +11 | +10 |
| Чоршанбе | 11.03.2020 | +12 | +9 |
| Панҷшанбе | 12.03.2020 | +13 | +9 |
| Ҷумъа | 13.03.2020 | +18 | +13 |

## ИНТИХОБОТ БА ХОТИРИ ГУСТАРИШИ ДЕМОКРАТИЯ ВА ТАҲКИМИ СУЛҲИ ҶОВИД




***Субҳи 1 марти соли 2020 аз соати 6:00 то 20:00 дар ноҳия дари тамоми участкаҳо ва ҳавзаҳои интихоботӣ бо садо додани Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйи интихобкунандагон боз гардид.***

Шаҳрвандони ноҳия бо як рӯҳияи баланди идона, бо шукргузорӣ аз фазои тинҷу осуда ба хотири рушду нумӯи кишвар ва зиндагии шоистаи ҳар як фарди кишвар ба участкаҳо ва ҳавзаҳои интихоботӣ омада, бо дарки баланди масъулият ба номзадони арзандаи худ раъй доданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бари дар доираи талаботи қонун ба комисияҳои интихоботӣ дар ноҳия шароити мусоиди корӣ фароҳам овард, ки шаҳрвандони ноҳия тавонистанд дар ин маъракаи сиёсӣ бо масъулияти баланд иштирок намоянд.

Дар давраи тайёрӣ ва баргузории интихоботи даъвати нави вакилон бо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия Комиссияи интихоботӣ дар ҳайати 9-нафар таъсис дода шуд.

Дар ноҳия барои интихоби вакилони ноҳиявӣ 28 ҳавза ва 28 участкаи интихоботӣ таъсис дода шуд

Ба таври шаффоф, демократӣ ва озод баргузор гардидани интихобот дар ноҳия аз он шаҳодат медиҳад, ки Комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар ноҳия тавонист иштироки шаҳрвандонро дар интихоботи вакилони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар ноҳия ба таври шоиста ба роҳ монад, ки он воқеан метавонад дар таҳкими сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, дар дили онҳо умед ба ояндаи аз ин дурахшонтар бедор менамояд.

Дар маъракаи интихоботӣ барои 28 мандати вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи ноҳия 28 нафар номзадҳо рақобат намуда, мутобиқи таҳлилу ба ҳисоб гирифтани протоколҳои ҳавзаҳои интихоботӣ оид ба интихоботи вакилони халқи ноҳияи Носири Хусрав ҳамаи 28 нафар овозҳои бештари интихобкунандагонро соҳиб гардиданд.

***"БЕШКЕНТ"***

## «МО, МОДАРОН БА АЁДАТИ ФАРЗАНДОН - САРБОЗОНИ ВАТАН МЕРАВЕМ»

***Дар охирҳои моҳи феврали соли 2020 бо ибтикори Инобат Набизода, мудири бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия гурӯҳи кори занони фаъоли ноҳия дар ҳайати Азимзода Машҳура, муовини раиси ноҳия, Ализода Сурайё раиси КИХҲ ДТ дар ноҳия, Шарифгул Ашурова, мудири бахши бойгонии байниидоравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба дидбонгоҳи сарҳадии «Сангоба» воқеъ дар ноҳияи Носири Хусрав ба аёдати сарбозон- сарҳадбонони шуҷои далеру нотарс рафтанд.***



Вохӯрии мазкур дар доираи силсилачорабиниҳо бахшида ба рӯзи «Артиши Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Иди Модар» таҳти унвони «Мо, модарон ба аёдати фарзандон-сарбозони Ватан меравем» баргузор гардид, ки зимни он як миқдор маводҳои хӯрока ба сарбозон ҳамчун армуғон тақдим гардид.

Гурӯҳи кории занони фаъоли ноҳия, бо ҷойи хоб, ошхона,ҷойи китобхонии сарбозон шинос шуданд.

Нахуст дар ин чорабинӣ Машҳура Азимзода муовини раиси ноҳия ба сухан баромада, сарбозонро ба муносибати рӯзи «Артиши Миллӣ» ва омад-омади баҳори оламафрӯз табрику таҳният гуфта, ба эшон дар хизмати Ватану муҳофизати нангу номуси ҳамватанон бурдбориву муваффақиятҳои беназир таманно намуд.

Муовини раиси ноҳия хизмати ҷавонмардонаи сарбозонро дар ҳифзи ин сарҳад мусбӣ арзёбӣ намуда, ба дарки масъулияти баланди ин ҷавонон, ба садоқату муҳаббати беандозаи ватандории онҳо аҳсан хонд ва қайд намуд, ки «ба шарофати Шумо, сарҳадбонони диловару нотарс дар кишвари азизи мо фазои сулҳу субот ва осоиштагиву оромӣ ҳукмрон буда, падарону модарон ва хоҳарону бародарони мову шумо бо дили пур кору зиндагӣ карда истодаанд».

«Хизматҳои шоёни шумо, сарҳадбонон аз қабили дар ҳифзи Ватан ва дар ҳифзи амнияти он ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор гирифтанатон мӯҷиби он гардидааст, ки душманони миллату Ватан бо аъмоли разилона ба амнияти кишвар ва саодати мардуми он халал ворид карда наметавонанд», гуфт ҳини баромадаш Машҳура Азимзода.

Дар фарҷом гурӯҳи кори бо сарҳадбонони дидбонгоҳи сарҳадии «Сангоба» якҷоя аксҳои хотиравӣ гирифтанд.

***"БЕШКЕНТ"***

## ОЗМУНИ «КАДБОНУИ БЕҲТАРИН» БО МАҚСАДИ ДАРЁФТИ ТАОМҲОИ МИЛЛӢ ВА ЗАМОНАВӢ

***Бо ибтикори бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бахшида ба «Иди Модар», ҷашни «Наврӯзи оламафрӯз» ва солҳои 2019-2021 эълон гардидани «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар байни бонувони ҳунарманди ҷамоатҳои деҳот ва муассисаҳои таълимии ноҳия озмуни «Кадбонуи беҳтарин» баргузор гардид.***

Ҳадаф аз баргузории озмун густариши ҳунарҳои мардумӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, дарёфти кадбонуи беҳтарин аз донандагон ва пазандагони таомҳои қадима ва замонавӣ ва ба ин васила тарғибу ташвиқи расму оинҳои миллӣ буда, ҷиҳати боз ҳам хубтар ба роҳ мондани ҳунарҳои кадбонугии бонувон ва ҷавондухтарон, эҳёи таомҳои миллӣ, ҷалби бонувони хонашин ба корҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Шартҳои озмун аз намоиши оростани дастархони наврӯзӣ, намоиши ҳунарҳои кадбонугӣ, намоиши таомҳои миллии қадима ва замонавӣ, намоиши маҳсулотҳои нонӣ аз қабили; кулча, чаппотӣ, фатир, гирдача, ширинихои кулчақанд ва ғайра, намоиши тайёр намудани хӯришҳои наврӯзӣ, намоиши як намуди таоми миллӣ ва муаррифии он бо либоси миллӣ иборат буд.

Ҳайати ҳакамон, ки аз 5-нафар иборат буд, ба ҳунари кадбонугии бонувони ноҳия баҳои хуб дода, ба бонувони шуъбаи маорифи ноҳия ҷойи аввал, ба бонувони ҳунарманди Ҷамоати деҳоти «Наврӯз» ҷойи дуввум, ба кадбонуҳои Ҷамоати деҳоти «Фирӯза» ҷойи сеюм ва ба бонувони Ҷамоати деҳоти «Истиқлол» ҷойи чорумро сазовор донистанд.

Дар фарҷом аз ҷониби Машҳура Азимзода, муовини раиси ноҳия ба ғолибони озмуни «Кадбонуи беҳтарин» тӯҳфаҳои омоданамудаи бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тақдим гардид.

***"БЕШКЕНТ"***

## ОҒОЗИ КИШТИ ПАХТА ДАР НОҲИЯ

***Дар таърихи 03.03.2020 дар ноҳия деҳқонони ноҳия ба кишти баҳории пахта шуруъ намуданд. Нахуст бо иштироки Нишонзода Даврон Назаралӣ и.в раиси ноҳия ва Неъматулло Холбойзода муовини раиси ноҳия дар 2 гектар майдон кишти пунбадона оғоз гардид. Тибқи дурнамо бояд дар майдони 3120 гектар зироати пахта шинонда шавад.***



Дар ин хусус Толиббек Гулшеров, мутахассиси шуъбаи кишоварзии ноҳия ба рӯзнома хабар дод.

Ба иттилои Толиббек Гулшеров тибқи дурнамои кишти баҳорӣ бояд дар майдони 993 гектар дар Ҷамоати деҳоти «Фирӯза», дар майдони 864 гектар дар Ҷамоати деҳоти «Истиқлол» ва дар майдони 1263 гектар дар Ҷамоати деҳоти «Наврӯз» пунбадона бояд корида шавад.

Айни замон дар Ҷамоати деҳоти «Фирӯза» дар майдони 977 гектар, 98,8%, дар Ҷамоати деҳоти «Наврӯз» дар майдони 1235 гектар, 98% ва дар Ҷамоати деҳоти «Истиқлол» дар майдони 849 гектар, 98,2% ин навъи зироат кишт шудааст, хабар дод Толиббек Гулшеров, мутахассиси шуъбаи кишоварзии ноҳия.

Толиббек Гулшеров ҳамчунин хабар дод, ки имсол деҳқонони пахтакори ноҳия аз чигити тухмии хушсифати серҳосили намуди «Флеш» истифода бурданд ва умед доранд, ки аз он ҳосили хуби «тиллои сафед» ба даст меоранд.

***"БЕШКЕНТ"***

# ФАТҲУ КУШОИШ ОРАД ДАСТИ ДУОИ МОДАР

***Мардони бузург аз домони поки модар дида ба олами ҳастӣ боз намудаанд. Аҳли башар ин олиҳаи муқаддасро ҳамеша дӯст медоштанд ва иззату эҳтиромашро ба ҷо меовtotalnd ва ин аст, ки то ба имрӯз низ ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми зан-модар яке аз суннатҳои олии миллии мо ба шумор меравад.***



Ниёгони бузурги мо ба қадру қиммат ва эҳтироми модар ҳамчун офарандаи ҳаёт ва парварандаи арзишҳои умумибашарӣ ба монанди дӯстӣ, бародариву баробарӣ, сулҳофариву инсонгароӣ мерасиданд ва дар наздаш сари таъзим фуруд меоварданд.

Мо аз саҳифаҳои таърихи миллатамон хуб медонем, ки дар давраҳои гуногун занону модарон дар қатори мардони майдон ба муқобили аҷнабиён муборизаи беамон бурда, дар таъмини озодиву истиқлолият, сулҳу оромӣ, дӯстиву бародарӣ, баробариву адолатхоҳӣ дар ватани аҷдодӣ нақши басо бориз доранд.

Зан-Модар дар дини мубини ислом низ мақому манзалати хосса дорад. Дар чандин сураҳои Қуръони маҷид ҳуқуқ ва ҷойгоҳи зан возеху равшан ифода ёфтааст.

Дар мамолики Шарқи мусулмонӣ бо шири модар савганд ёд мекунанд.

Дар ҳадисҳои набавӣ ва қавли саҳобаҳо низ қадри модар борҳо таъкид гардидааст.

Ҳазрати Муҳаммад (с) дар мавриди мақому манзалати модар дар яке аз ҳадисҳои шарифи хеш чунин фармудааст: “Фазилати савоби некӣ ва эҳсону хизмат дар ҳаққи падару модар бештар аз намоз, ҳаҷ, закот, умра ва ҷиҳод дар роҳи Худои таолло аст”.

Пас аз ин бармеояд, дар гузаштаҳои дури дур мардуми мо ба хотири ин олиҳаи ҳастӣ ва зебой, барои поси заҳматҳои кашидаи ӯ ва шабзиндадориҳояш як рӯзро ҳамчун “Рӯзи Модар” ҷашн мегирифтанд.

Тибқи гуфтаҳои Абӯрайҳони Берунӣ дар сарзамини тоҷикон дар моҳи савуми зимистон, ки Исфандоромӯз ном дошт, яъне, мутобиқ ба моҳҳои феврал-март ҳамчун иди иффату зебой ва бузургдошти зан-модар ҷашн гирифта мешудааст.

Модар ин сарчашмаи зиндагӣ қалбҳои моро бо нури муҳаббати бепоёнаш мунаввар месозад. Ин нур василае мегардад, то мо дар зиндагӣ ба хатой роҳ надиҳем. Зеро модарон фарзандони хешро ҳаргиз ба роҳи нодуруст намебаранд, балки чашми онҳоро ба сӯйи олами наву пурҳақиқат боз менамоянд.

Мо, мардон бо ин ҳама тавону қудратмандӣ дар назди ин олиҳаи меҳру муҳаббат ва садоқату иффату покӣ, яъне, зан-модар оҷиз ҳастем ва дар назди ӯ сари таъзим фуруд меорем.

Модарон, бонувон ва хоҳарони азизу гиромиро бо ин иди хуҷаставу муборак табрику таҳният мегӯям ва таманнои онро дорам, ки эшон ҳамеша сарбаланду муваффақ ва боиффату зебо бошанд.

***Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,***
***Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.***
***Аз сатвату зи шӯҳрат гар бар фалак занам сар,***
***Таъзим мекунам боз дар пеши пои модар.***

***Нурмуҳаммад ЮСУПЗОДА,***
***мудири бахши дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия***

# ЯКШАБА ОН РАНҶ, КИ МОДАР КАШИД

***Бархе аз инсонҳо суол мекунанд: “Чаро 8- уми март ҳар сол ҳамчун “Рӯзи Модар” ҷашн гирифта мешавад”?***



Чунки дар ин рӯзи саиду муборак мо арҷгузории хосаи хешро ба модар, ба сарчашмаи ҳастӣ, ба муқаддастарин инсони рӯйи олам собит намоем.

Ин ҳама бузургиву ному шӯҳрату шоне, ки мо мардонро насиб мегардад, маҳз, бо шарофати беҳтарин, азизтарин дуоҳои модар ва шабзиндадориҳои ӯст.

Модар олиҳаи некӣ, машъалафрӯзи зиндагӣ, мураббии ғамхору меҳрубон, ҳидоятгари роҳи ҳақиқат, сабақомӯзи ҳар рӯзгор, чароғи хонадон, тарбиятгари насли наврас мебошад.

Зеро модар ғайр аз ин ки ба фарзанди худ ҳаёт мебахшад, инчунин хислатҳои некӯтарини инсониро дар сиришти ӯ бо шири поки худ ҷой медиҳад .

Воқеан, тарбияи насли солим ва инсони комил ҳеҷ гоҳ бемеҳру муҳаббат ва садоқату саховати беинтиҳои модар наметавонад боровар шавад.

Модари тоҷик дар тӯли садсолаҳои зиёд фарзандони бонангу номусро ба дунё овардаву тарбия намуда ва ҳамчун беҳтарин ҳадя ба ҷаҳониён тақдим намудааст.

Имрӯз башар аз осори мондагори фарзонафарзандони тоҷик ба мисли Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Дониш, Айнӣ, Турсунзода, Лоиқ ва дигар адибону олимон сабақ мегиранд, таҷриба меандӯзанд, онро барои тарбияи насли хеш истифода мебаранд.

Аз сиёсатмадорони бузурги тоҷик имрӯз ҷаҳониён таҷрибаи сулҳофарӣ меомӯзанд.

Пас гуфтан бамаврид аст, ки модари тоҷик фарзандонеро ба олам овардааст, ки онҳо бо нури хираду ақлу заковати худододашон роҳи зиндагии аҳли башарро мунаввар кардаанд.

Модари тоҷик дар ҳамеша дар рушди маданият, фарҳанг, санъати воло бунёди ҳаёти пур аз саодати миллати тоҷик саҳми муассир гузоштааст ва дар таърихи давррони соҳибистиқлолии кишвар низ саҳми назаррас дорад.

Алъон дар ватани соҳибистиқлоламон ягон самти фаъолиятро бидуни иштироки зан-модар тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Мо, насли соҳибистиқлолӣ ба занону модарони кишварамон ифтихори бузург дорем. Зеро ин гурдофаридҳои замон паҳлу ба паҳлу, саф ба саф бо мардон дар ободонии ватанамон истодаву аз сидқи дил заҳмат мекашанд, то ватанро ба макони гулгулшукуфони беназир мубаддал созанд.

Мо, насли соҳибистиқлолӣ аз модарон ифтихор дорем, чунки эшон бо маърифати баланд, иффату покизагии хеш фарзандонеро тарбия менамоянд, ки бо дониши мукаммалу ахлоқи ҳамидаи хеш намунаи ибрат барои аҳли башар ҳастанд.

Ҳар як ҷавони соҳибиродаву соҳибмаърифат бояд дарк намояд, ки дар сурате ба пирӯзиву комёбӣ ноил мегардад, ки агар ба қадри заҳматҳои кашидаи модар бирасад, ба қадри шири сафеди модар ва меҳрубониву дилсӯзии модар расад ва дуои некашро бигирад, зеро:

***Якшаба он ранҷ, ки Модар кашид,***
***Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.***

Ба кулли модарон дар ин рӯзи пурфайз нишоту шодмонӣ, ободии хонадон, осмони софу беғубор, умри дароз ва саломатиро хоҳон астам.

Бигзор модарон ҷовидона бошанд ва мо аз дуоҳои пурмеҳрашон баракатату файз ва музаффарияту муваффақиятро дарёб намоем.

***Озодбек ГУЛШЕРОВ,***
***мудири бахши иқтисоди мақомоти иҷроияи ҳркимияти давлатии ноҳия***

# ЗАНОНРО ГАР ЗИ ДОНИШ ЗЕВАРЕ ҲАСТ

***Инак 20 сол сипарӣ мегардад, ки мардуми тоҷик санаи 8-уми мартро ҳамчун “Рӯзи Модар” дар сартосари кишварамон таҷлил менамоянд. Ва фараҳманд аз он ҳастем, ки мардуми шарафманди тоҷик ин тантанаи баҳориро дар остонаи 29-умин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҷамъона дар фазои сулҳу оромӣ ва нишоту шодмонӣ пешвоз мегирем.***



Заҳмату машаққати модарони тоҷик дар тарбияи фарзандон хеле бузург буда, натиҷаи босамари он дар ба камол расондани фарзандони бомаърифату боахлоқ мебошад, ки чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир аҳли башарро тасхир намудаанд.

Бузургдошти модар ва қадрдонии ранҷу заҳматҳои кашидаи модар қарзи ҳар як инсони бонангу номус мебошад.

Модарони зебои тоҷики мо дар иҷро намудани рисолати азалии хеш, яъне, тарбия намудани фарзандони ҳалолкору покизасиришт ва меҳанпарасту мардум-дӯстдор пешсаф буда, мо бо онҳо ифтихор менамоем.

Модар ин чароғи ҳамешафурӯзон баробари падарон дар устувору пойдор мондани хонадон ва тарбияи фарзандони накӯном масъулияти бузург бар дӯш дорад.

Имрӯз модарону хоҳарон ва бонувони соҳибэҳтироми мо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба хотири таҳкими иқтидор ва мақоми шоистаи Тоҷикистони маҳбубамон заҳмат мекашанд.

Боиси фараҳмандист, ки занону духтарони кишвари соҳибистиқлоламон соҳибмаърифату соҳибҳуқуқ мебошанд ва метавонанд фарзандонеро ба дунё оранд, ба камол расонанд, ки созандагони ҷомеаи нав бошанд.

Ин ҳама заҳмату талошҳои хастанопазири модарон моро водор месозанд, ки ба қадри ин бузургтарин ва маҳбубтарин инсон бирасем.

Давлату Ҳукумат ба занону модарон шароити мусоид барои таҳсил дар макотиби олӣ фароҳам овард. Дар оилае, ки зан бомаърифат бошад, он оила солим ташаккул меёбад.

Пас агар оила солим бошад, он гоҳ ҷомеа солим мегардад.

Занони таҳсилдида, модарони бомаърифат фарзандони соҳибхираду боадаб ва мумтозу пешсаф ба камол мерасонанд.

***Занонро гар зи дониш зеваре ҳаст,***
***Умеди рӯзгоре беҳтаре ҳаст.***
***Агарчӣ аз занон пайғомбаре нест,***
***Вале пайғомбаронро модаре ҳаст.***

Аз фурсат истифода бурда, кулли модарони хушбахти тоҷикро бо ин иди муборaку муқаддас табрику таҳният гуфта, ба онҳо саломатии комил, чеҳраи шукуфон, лабони пуртабассум, рӯзгори обод ва дар тарбияи фарзандони солим муваффақиятҳо хоҳон ҳастам.

***Сафарзода САФАРАЛӢ,***
***директори Осорхонаи бахши фарҳанги ноҳия***

# НАҚШИ ВАО ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶОМЕА ВА ДАВРАИ КОМИЛАН НАВ АЗ ЛИҲОЗИ СОХТОР ВА УСЛУБИ КОР

***Имрӯз матбуот ҳамқадами ҳаёт ва ҷузъи хеле муҳиму ҷудонопазири ҷомеаи озоду демократии мо буда, бо таъмини фазои иттилоотӣ ба шаҳрвандон дар интихоби дурусти мавқеъ ва дарёфти ҳақиқат имкониятҳои васеъ муҳайё месозад.***

Ҳоло беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, баландшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳамагуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёз пеш мебароанд, унсурҳоеро мебинем, ки сазовори пайравӣ кардану омӯхтан ҳастанд. Муҳим нест, ки рӯзноманигорон дар кадом самт-матбуоти давлатӣ ё матбуоти мустақил фаъолият доранд. Ҳадафи асосии матбуоти ҳукуматӣ ва мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии кишварамон шумораи расонаҳои хабарии мустақил хеле афзудааст ва аз лиҳози миқдор ҳоло онҳо нисбат ба расонаҳои хабарии ҳукуматӣ ба маротиб зиёданд. Ин, албатта, хуб аст, зеро фаъолияти озоди воситаҳои ахбори омма яке аз нишонаҳои асосии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Ҳар яке аз ин расонаҳо ба таври худ фазои иттилоотии мамлакатро пур карда, дар инъикоси равандҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ҳиссаи хешро мегузоранд. Бо забони соддаву оммафаҳм ва салису равон расонидани иттилоот ва матолиби таҳлилӣ яке аз вазифаҳои асосии матбуот ва умуман аҳли қалам мебошад.

Мусаллам аст, ки журналистика фаъолияти пурмашаққат аст. Дар ин масир журналист бояд дар таҳқиқи амиқу дақиқи масъалаҳои мубрам диду интихоби дуруст дошта бошад. Хосса, дар ҳоле, ки рӯз ба рӯз равияҳои гуногун дар доираи соҳаи журналистика ба вуҷуд омада истодаанд, ки ҳар яке бо тарзу усули нав фаъолият мекунанд. Яке аз ин равияҳо фаъолияти блогнависист.

Истилоҳи «блог» аз калимаи англисии «web log» гирифта шуда, маънояш «рӯзномаи зинда» мебошад. Дар блог маводҳои хабарии кӯтоҳ, аксу наворҳо, тасвир ва овоз ҷой дода мешавад. Блог аз рӯзнома бо кӯтоҳу фишурда будани хабарҳояш фарқ мекунад. Ҳамзамон, муштариёни блог дар баробари мутолиаи хабарҳо метавонанд бо худи муаллиф ҳамсуҳбат шуда, ба саволҳояшон сари вақт посух гиранд. Нафаронеро, ки дар блог мавод интишор мекунанд, блогер ё блогнавис мегӯянд.

Рӯзноманигор метавонад дар доираи жанри муайян эҷод кунад. Инчунин, ӯ дар раванди фаъолияти худ дар мавзӯъҳои мушаххас кор мекунад, чун сиёсат, иқтисод, тиҷорат, варзиш, мӯд, илм, технология ва ғайра. Вале доираи блогнавис фарохтар аст. Ӯ ба жанр кор надорад, танҳо муҳим мавзӯъро пайгирӣ кунаду онро ба хонандааш шарҳ дода тавонад. Дар муаррифии мавзӯъҳои гуногун дар бораи хӯрок, саёҳат ё филмҳои нав ширкат мекунад ва метавонад дар бораи нафт, қарз, истеҳсолот ё хизматрасонии мошини боркаш нависад. Яъне, ӯ аз қолабӣ будан комилан озод аст. Ва маълумот пешниҳод мекунанд. Масалан, сарояндае, ки ситора шуданист, саҳифаи иҷтимоӣ мекушояд ва дар он рӯҷеъ ба худ ва кору фаъолияташ маълумот медиҳад. Ин маълумотҳоро блогнависон дарёфт намуда, дар атрофи шахсият ва фаъолияташ ҳамроҳи ӯ мусоҳиба мекунанд. Яъне, блогнависӣ ҳам аз шабакаи иҷтимоӣ маншаъ мегирад. Блогнавис танҳо дар интиқоли иттилоот байни хонандаву расона миёнарав аст.

Дар даврони ҷаҳонишавии иттилоот қариб ҳама метавонад дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва блог-саҳифаҳо рӯзноманигор бошад. Ҳамин тавр, аксари матбуоти озод блогҳои шахсӣ шудаанд ва ҳамзамон, аксари рӯзноманигорони маъруф блогнависанд.

Бояд гуфт, ки ҳадафу мақсади ҳар як блогнавис мухталиф аст. Масалан,




манд мебошанд.

Бояд гуфт, ки матбуот дар Ҷумҳурии мо дар ин давраҳои таърихӣ, аз ҷумла дар замони Шӯравӣ ба таври назаррас рушд кардааст. Воситаҳои ахбори омма махсусан дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав, масоили адабиву фарҳангӣ, мубориза бо ҷинояту ҷинояткорӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии ҳодисаҳои нохуши сӯхтору дигар ҳолатҳои фавқулодда нақши созанда ва пешоҳанг доштанд ва доранд.

Давраи комилан нав аз лиҳози сохтор ва услуби кор ба таври ҷиддӣ фарқкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи кишвари мо маҳз дар замони истиқлоли давлатии Тоҷикистон оғоз гардид ва матбуот вобаста ба воқеияти замон такомулу ташаккул ёфт.

Тибқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ матбуоти кишвари мо имрӯз дар қиёс бо бисёр кишварҳо аз дидгоҳи озодии баён пешрафта мебошад. Ба таъбири дигар, матбуот ба мақсаду мароми халқ ва арзишу манфиатҳои миллӣ наздиктар шуд.

Имрӯз дар фаъолияти матбуоти мустақили Тоҷикистон, яъне дар фаъолияти онҳое, ки худашон рӯзномаву маҷалла, агентии иттилоотӣ, шабакаи телевизион ва радио таъсис дода, кори онро мустақилона

Журналистикаи анъанавии чопӣ дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯзҳо мавриди ҳамлаҳои сангини хонандагон қарор мегирад. Қолабҳои жанрии гуногун имрӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ сайру гашт доранд, ки шояд даҳсолаи наздик соҳибистиқлол ҳам шаванд. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Бахтиёр Қутбиддинов «имрӯз шумораи жанргунаҳо ҳатто аз 100 гузаштаанд, ки манбаи пайдоиш ва маркази ташаккули онҳо шабакаҳои иҷтимоиянд». Масалан, шахсе бо интишори як гузориш дар шабакаҳои иҷтимоии «Фейсбук» ё «Твиттер» (на хабари рӯзнома ё радиою телевизион) дар бораи тӯфон ё кадом як ҳамоиш дар кадом кунҷи дунё ба таври фаврӣ хабар дод. Хабарнигорон бо ворид шудан ба саҳифаи ӯ метавонанд манбаъро ба даст оварда, хабари мукаммал тартиб диҳанду пешкаши муштарӣ намоянд. Дар ин кор аксаран аз саҳифаҳои блогнависон истифода бурда мешавад (аксари нашрияҳои чопӣ бо такя ба манобеи интернетӣ ва табъ мерасанд, чун нашрияи «Дунё»). Яъне воситаҳои ахбори омма низ аксар вақт аз хизмати блогнависон ба таври фаровон истифода мебаранд.

Дар шароити имрӯз аксари одамон дар бораи худ дар саҳифаи иҷтимоӣ маълумот пешниҳод мекунанд... агар яке аз онҳо барои расонидани хабару маълумот саҳм гирад, дигаре барои фароғатбахшӣ ба хонанда ва сеюмӣ барои интишори матолиби эҷодкардаи худ блог мекушояд. Блогнависон мекӯшанд, ки бештар ба инъикоси мушкилоту камбудиҳои минтақа ва ҷаҳон даст зананд, зеро завқи обуначиёни имрӯз ҳаминро тақозо мекунад. Яъне талабот ба матолиби интиқодӣ бештар аст. Албатта, ҳар як эҷодкор сабку услуби худро дорад, вале он бояд ба манфиати ҷомеа ва рушду инкишофи давлат, ваҳдату ягонагӣ ҳидояткунанда, инчунин ба доираи васеи хонандагон фаҳмо бошад.

Маҷмӯан, бояд зикр кард, ки дар кишвари мо имрӯз аксари рӯзноманигорони озод ё кормандони нашрияҳои хусусӣ соҳиби блоганд. Ҳамин аст, ки ин равия имрӯз яке аз маъруфтарин жанрҳо дар ҷомеаи журналистикаи шаҳрвандӣ аст.

Аҳли қалам ва рӯзноманигорон худашон бояд дар масъалаи риояи қонун дар бораи забон, тозагии он ва рушди забони ширин ва шоиронаву шевои тоҷикӣ намунаи ибрати дигарон бошанд. Зеро ин яке аз рисолатҳои касбӣ ва қарзи шаҳрвандии рӯзноманигорон маҳсуб мешавад.

**"БЕШКЕНТ"**

# ТУ ҶОВИД ЗИНДАӢ ДАР ҚАЛБИ ПОКАМ

***Модар! Эй беҳтарин, бузургтарин ва муқаддастарин инсон, эй нодиртарин ганҷ ва бебаҳотарин сарвати дунё. Модар эй гавҳари ноёб, эй нодиртарин ганҷи олам туро дӯст медорам, чунон пазмонат шудаам, ки ба ҳангоми ёд кардан қалбам пора - пора мегардад.***

Бе ту будан бароям мушкил аст. Чунки ту модар ҳавое будӣ, ки ман аз он нафас мекашидам. Бе ту баҳори зиндагӣ ҳамсони фасли шито аст. Офтобе будӣ ай модар, ки бо гармии муҳаббатомезат вуҷуди маро гарм мекардӣ. Меҳри бепоёнат маро ба дунё дилгарм мекард. Бе ту дунё дар назарам мотамсароеро мемонад, ки ба ҷуз нолаву оҳу дод чизи дигаре аз он бурун намеояд. Ҳама мегӯянд дунё зебост, зиндагӣ гуворост.

Аммо бе ту ҷаҳон дар назарам берӯҳ, бетароват, ғамзада ва ғамафзост. Баҳори зиндагӣ бе ту хазонеро мемонад, модар, ки андӯҳу ғамро афзунтар месозад, на кам. Дил пур аз ғам, чашм пурнам, гӯӣ ба ин ҳама андӯҳу ғам ҳар рӯз дарду ранҷи дигар мешавад зам. Аммо чора нест, -«шод бояд зистан, ношод бояд зистан».

Дар чеҳраи ҳамеша шукуфонат менигаристаму ҳавас мебурдам, зеро намехостӣ дӯсту душман аз ғаму андӯҳат дарак ёбанд. Мехостӣ ҳама пиндоранд, ки дар зиндагӣ мушкиле надорӣ. Қудрате доштӣ, ки он ҳама ғаму ранҷу дарду андӯҳро ба танҳоӣ паси сар намоӣ.

Чашми маро ба олам кушодӣ то атрофу акнофро бо чашми дил наззора кунам ва дунёро, ки воқеан ҳам барои бузургон офарида шудааст, дарк намоям.

Инсоне будӣ соҳибмаърифату соҳибназар, хоксору боандеша, мардумпарвару ботамкин. Ва пайваста маро таъкид мекардӣ, ботамкин, сабур, ботаҳаммул ва боандеша бошам ва касеро аз дасту забони худ наёзорам. Шиорат низ дар зиндагӣ ин буд:

*Ба ҳар боде маваз аз ҷой чун бед,*
*Батамкин бош ҳамчун моҳу хуршед.*

Чашмони бодомият, қади баландат, мӯйҳои печонат ва лабхандҳои нозанинатро ҳаргиз фаромӯш намекунам, модар. Насиҳатҳоят чун ҳалқа дар гӯш дорам. Бо он роҳе, ки мерафтӣ, равон ҳастам. Бо дӯстонат ҳаргиз хиёнат намекунам, риштаи дӯстӣ бо дӯстонат ногусастанист.

Канорат биҳишт буд, модар. Биҳиште, ки дар он баҳорон ҳукмрон буду аз хазон асаре набуд. Биҳиште, ки нӯш дошту неш не. Биҳиште, ки фароз дошту фуруд не. Биҳиште, ки дар он воқеан хушбахт будам. Ва он лаҳзаҳои




хуш як-як аз пеши чашмам мегузаранд ва гумон мебарам он ҳамааш як рӯёъ буду бас.

Рафтӣ ба дуриҳои дур. Вақти рафтанат ханда кардӣ. Он ҳама ғаму андӯҳ ва ранҷу аламро бар дӯши фарзандон бор кардиву рафтӣ. Дилам месӯзад, ҷавон рафтӣ, 46 сола будӣ оламро падруд гуфтӣ.

Тифл будам, гумон мекардам, ки модарон намиранда ҳастанд.

Аммо иштибоҳ кардам, иштибоҳи бузург. Чун модар, ин давлати бузургро аз даст медиҳӣ, бадбахт мегардӣ. Зеро дар хона ҷойи ту холист. Муҳаббати ту, навозишҳои пурмеҳри ту, насиҳатҳои пурҳикмати туро ёд мекунам, зеро он ҳама бузургият чашми басирати маро ба дунёи ҳақиқат боз намуд.

Ту сарчашмаи ҳамаи умеду орзуҳоям будӣ, модар. Ту сарчашмаи ҳамаи нишоту шодмониҳоям будӣ, модар. Ту сарманшаи саодатам будӣ, модар, вале ҳайфо, ки яъсу ноумедӣ ҷойи умед, нолаҳои ҷонсӯз ва дарду алам ҷои нишоту саодатро гирифт ва якбора шӯълаи умедро дар дилам хомӯш намуд.

Мехоҳам бо тамоми қувватам фарёд занам, то овози маро шунида, ба имдодам расӣ.

Аммо медонам, овозамро намешунавӣ. Ҳар субҳи содиқ ва шому бегоҳ аз Худои мутаол ҷаннати ҷовидонаро бароят дар талабон ҳастам.

Бо он ҳама ранҷу машаққат, ки кашидӣ, натавонистам то ҳатто бо муҳаббати беандоза ба ту доштанам онро ба ту арз кунам. Зеро фикр мекардам ту ҳам мисли дунё ҷовидона ҳастӣ, модар.

Субҳи содиқ чун аз хоб бедор мешавам, нахуст бароят ҷаннати ҷовид металабам.

Дуо мекунам равзаи ризвон маконат бошад, рӯҳат шод бошаду хонаи охиратат обод, модари азизам, қуввати рӯҳу равонам, ороми ҷонам!

*Чу ту модар касе ғамхори ман нест,*
*Набитвонад кассе ҷоят бигирад.*
*Агарчӣ марги касс беихтиёр аст,*
*Вале ҳайфо, ки модарҷон бимирад.*

*Накардам ҳеҷ бовар модари ҷон,*
*Ки рӯзе бистари ту хок гардад.*
*Сарам ин қадр пур аз дарду савдо,*
*Дили шодам чунин ғамнок гардад.*

*Наӣ модар ту бигзашта зи дунё,*
*Ту ҷовид зиндаӣ дар қалби покам.*
*Агарчӣ дар раҳи имрӯзу фардо,*
*Ба роҳат модари ҷон синачокам.*

*Туӣ дар ҷисми ман пайвандгари ҷон,*
*Туӣ дар чашми манн монандаи нур.*
*Туӣ фонуси роҳам то даме, ки,*
*Бимонам низ ман по бар лаби гур.*

Сумангули АСАДБЕК

---

**Ба Машҳура АЗИМОВА**

Муаллима Машҳура,
Барои мо азиз аст.
Хоксору меҳрубон аст,
Муовини раис аст.

**Ба Инобат НАБИЗОДА**

Инобат Набизода,
Бонуи боирода.
Масъулиятшинос аст,
Дар ҳама кор омода.

**Ба Бозоргул САИДЗОДА**

Саидзода Бозоргул,
Бонуи ботаҳаммул,
Бо забони тоҷикӣ,
Хуш мекунад такаллум.

**Ба Сурайё АЛИЗОДА**

Ализода Сурайё
Бонуи боғурур аст,
Дар ноҳия мегӯянд,
Демократи зӯр аст.

**Ба Миноятхон ҚАРШИЕВА**

Ҷони занон амонат,
Дар дасти ту Миноят.
Ба ин амонати Ҳақ,
Асло накун хиёнат.

**Ба Шарифгул АШУРОВА**

Шарифгули бойгонӣ.
Бонуи бовиқор аст,
Ин хислати нек дар Ӯ,
Аз Модар ёдгор аст.

**Ба Малоҳат МУРОДОВА**

Малоҳат Муродзода,
Хоксору ботамиз аст.
Бо ин хислати некаш,
Дар дидаҳо азиз аст.

**Ба Саёҳат САИДОВА**

Саёҳати «Телеком»,
Ба ту дорем эҳтиром.
Орзу дорем то охир,
Бимонӣ ту накӯном.

**Ба Муаллима МУСАЛЛАМ**

Муаллима Мусаллам,
Устоди устодон аст.
Орзу дорем кай гӯяд,
Нархи журнал арзон аст.

**Ба Баргигул ТЕШАЕВА**

Дар боғи Қасри фарҳанг,
Ниҳолҳо кардаанд гул.
Бо заҳмати шоёни
Тешаева Баргигул

**Ба Ҳусния ДУРМАНОВА ва Дилдора ИРКАБУЛОВА**

Ҳуснияву Дилдора,
Дармон бахшанд ба ҳар дард.
Аммо ҳар ду метарсанд,
Ин аз «сил»-у ӯ аз «қанд».

# ГУЛЕ АЗ ГУЛИСТОНИ ВАХШОНЗАМИН

***МУАРРИФИНОМА***

*Гулбаҳор Сармисоқова зодаи шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппа) мебошад. Баъдан оилаи онҳо ба шаҳри Калининобод (ҳозира Левакаnд) кӯчида меояд ва Гулбаҳор дар мактаби №5 таълим гирифта, онро соли 1989 бомуваффақият хатм менамояд.*

*Солҳои 1989 - 1991 дар омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) ва солҳои 1991 - 1995 дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода таҳсил намуда, соҳиби ихтисоси актёри драмма ва кино мегардад.*

*Соли 1995 - 1998 дар театри вилоятии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба ҳайси ҳунарпеша фаъолияти меҳнатиашро оғоз менамояд.*

*Солҳои 1998 - 2000 омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби деҳаи Пушинги ноҳияи Данғара ва солҳои 2000 - 2007 омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти ибтидоии №2-и шаҳри Левакаnд (Сарбанд) шуда кор кардааст.*

*Солҳои 2007 - 2009 роҳбарии Маркази корҳои тарбиявии берунамактабии шуъбаи маориф ва солҳои 2009 - 2014 сарварии мактаби бачагонаи санъати шаҳри Левакаnд (Сарбанд)-ро бар дӯш дошт.*

*Солҳои 2014 - 2016 дар литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакаnд ба ҳайси омӯзгор фаъолият намудааст.*

*Аз моҳи августи соли 2016 то ба имрӯз ба ҳайси саромӯзгори кафедраи педагогика, психологияи рушд ва рақобатшиносии Донишгоҳи давлатии Данғара кор мекунад.*

*Оиладор, соҳиби ду нафар фарзанд мебошад.*

*Мо аҳли эҷоди рӯзнома тасмим гирифтем, ки дар зер чанд чакидае аз эҷодиёти эшонро манзури хонандагон гардонем.*

### ВАТАН

Бо ту ман сарфарозам,
Хушбахту бениёзам.
Андар канори Меҳан,
Мефахраму менозам.

Модар - Ватан ту ҳастӣ,
Чун ҷону тан бароям.

Васфи туро сароям,
Эй нозанин диёрам.
Дар чашми ман ҳамеша,
Ҳастӣ ту чун баҳорам.

Модар - Ватан ту ҳастӣ,
Чун ҷону тан бароям.

### ОҲИСТА-ОҲИСТА

Биё, биншин канорам, ёри ҷон, оҳиста-оҳиста,
Биё бар гулшанам, сарви равон, оҳиста-оҳиста.
Ба дил меҳри ту парвардам, вале эй ғунчаи хандон,
Ту гаштӣ чу баҳору ман хазон оҳиста-оҳиста.
Шукуфон гардад ин кӯҳу даман аз рӯи зебоят,
Баҳорон ойӣ чун абрӯкамон, оҳиста-оҳиста.
Шавам қурбони нозу ҷилвахоят, эй нигори ман,
Ҳаме номат бигирам бар забон, оҳиста-оҳиста.
Надорад ҳеҷ кина ин дили пур аз вафои ман,
Ки сӯят омадам, эй меҳрубон, оҳиста-оҳиста.

### НАВРӮЗИ ДИЛАФРӮЗ

Гулу себарга мерӯяд дар ин айёми наврӯзӣ,
Биё бо ҳам ғазал хонем бо иқболу пирӯзӣ.
Зи анвори дурахшони тулӯи офтобиаш,
Бигашта оламе хандон чу гулу дорад дилафрӯзӣ.

### ВАҲДАТ

Биё, бингар ту хуш симои Ваҳдат,
Ба ҳар ҷо чеҳраи зебои Ваҳдат.
Пур аз меҳру садоқат ҷоми дилҳо,
Бинӯшем соғари минои Ваҳдат.
Ба ҳам оем чун ёру бародар,
Даруни синаҳо маъвои Ваҳдат.
Чу гулзори шукуфта чеҳраи ёр,
Ду лаб чун ғунчаи гӯёи Ваҳдат.
Худовандо, зи ту дорам таманно,
Ки монад ҷовидон дунёи Ваҳдат.

### НАВБАҲОРОН ОМАДА

Дилбаро, бархезу бингар навбаҳорон омада,
Бо гулу себаргаву савти ҳазорон омада.
Чашми дил бикшову бар зебоии олам нигар,
Ин ҳама файзу сахо аз шукри Яздон омада.

### ФАЛАКИ ҒАМБУНЁД

Сад дод зи дасти фалаки ғамбунёд,
Аз рӯзи азал маро насиб аз ғам дод.
Рафтам ба умеде, ки кушоям дари ӯ,
Афсӯс, ки ӯ дараш ба рӯям накушод.

### БОРОНАКИ БАҲОРӢ

Имшаб ки борон борид,
Оби фаровон шорид.
Бар кӯҳу теппаву чар
Тундар басе ҳам зорид.

Борони найсон бибор,
Зеби баҳорон бибор.

Қумрию фохта акнун
Бар шохи беди Маҷнун,
Хуб қиссахонӣ карда
Дар зери чархи гардун.

Борони найсон бибор,
Зеби баҳорон бибор.

Айёми фасли баҳор,
Дашту даман лолазор.
Дар саҳрову лаби ҷӯ
Рӯида гулҳо қатор.

Борони найсон бибор,
Зеби баҳорон бибор.

Борони найсон хуш аст,
Фасли баҳорон хуш аст.
Дар коми кас, баҳорон,
Чукриву торон хуш аст.

Борони найсон бибор,
Зеби баҳорон бибор.

Боронаки баҳорӣ,
Ба дил хурсандӣ орӣ.
Рӯзу шабон бибори,
Дар мавсими баҳорӣ.

### МУРҒАКИ ДОНО

Мурғак давида,
Раҳро надида,
Ба сӯйи хона,
Аз пайи дона.

Мурғаки доно,
Мурғаки зебо.

Мурғаки пирӯз,
Дар субҳи фирӯз,
Фарёд дорад,
Чун субҳи дирӯз.

Мурғаки доно,
Мурғаки зебо.

Аз пайи дона,
Мурғак равона.
Шунида овоз
Давид ба хона.

Мурғаки доно,
Мурғаки зебо.

Аз тарси рӯбоҳ,
Кашид ба дил «оҳ».
Бобои Барфӣ
Омад сари роҳ.

Мурғаки доно,
Мурғаки зебо.

Бигуфт таманно,
Мурғаки доно:
«Соли нав омад
Бар пиру барно».

Мурғаки доно,
Мурғаки зебо.

### ГАПИ НОГУФТАИ ПОРИНА

Баҳорон асту ғам дар сина дорӣ,
Магар бо ман, азизам, кина дорӣ?
Дар ин фасли накӯи навбаҳорон,
Гапи ногуфтаи порина дорӣ?

### МОДАРИ МАН

Модари ҷонам зани солеҳа буд,
Модарам зебо чу як олиҳа буд.
Моҳихубон номашу қоматбаланд,
Меҳрубон бар одамони деҳа буд.

Ман туро дар хоб дидам, модарам,
Чеҳра чун Маҳтоб дидам, модарам.

Шуд ҷигарбанди ту андар зери хок,
Сӯхтию об гаштӣ, модарам.
Оҳи дилсӯзат ба гардун мерасид,
Оташи дилро накуштӣ, модарам.

Ман туро дар хоб дидам, модарам,
Чеҳра чун Маҳтоб дидам, модарам.

Пок мекард оби дида аз рухаш,
Сархаму бо дасти ларзон модарам.
Ғам даруни сина афзун дошт ӯ,
Аҳсанат хонам ҳазорон, модарам.

Ман туро дар хоб дидам, модарам,
Чеҳра чун Маҳтоб дидам, модарам.

Он ҳама панду насиҳатҳои ту,
Мерасад бар гӯши ман шому саҳар.
Қалби ман сӯзад ба ёди рӯи ту,
Қоматам бошад маро пеши назар.

Ман туро дар хоб дидам, модарам,
Чеҳра чун Маҳтоб дидам, модарам.

### ПОСИ РАНҶИ МОДАР

Рӯзе, ки маро чу модарам зод,
Бо шири сафед болу пар дод.
Боре агарат кунам фаромӯш,
Сад лаънати халқ ба сарам бод.

### САВТУ ОҲАНГИ БАҲОРӢ

Гуҳар дар синаи санг аст,
Мароми зиндагӣ нанг аст.
Лабони ёр хушранг аст,
Баҳор ин савту оҳанг аст.

### ҒАМБОДАИ ДИЛ

Даруни синаам дил хона дорад,
Даруни дил басе ғам хона дорад.
Даруни синаи ғамхонаам дил,
Зи ғамбода ба каф паймона дорад.

### ВАСФИ ДОНИШГОҲ

Донишгаҳи волора бин,
Дар чор сӯ гулҳора бин.
Ҳам гулрухи барнора бин,
Ҳам арчаи зебора бин.

Ҳам манбаи дониш шуда,
Ҳам манзили хониш шуда.
Аз баҳри ҳар фарди Ватан,
Ҳам маскани ромиш шуда.

Боду ҳавояш форам аст,
Хоку Заминаш корам аст.
Аз баҳри моён ин замон
Обаш мисоли Замзам аст.

Дар рӯ ба рӯяш хобгоҳ,
Пурҷилва аст монанди Моҳ.
Толори зебояш мудом
Неру бибахшад ҳам рифоҳ.

Обод гардид ин макон,
Аз ғайрати Шоҳи замон,
Ҳам олиму донишварон
Шоданд аз ин раҳбарон.

### БА ДИЛБАРИ ҚОЛИНБОФ

Дона-дона мересад,
Бе баҳона мересад.
Ёраки қолинбофам,
Моҳирона мересад.

Чашмонаш пур аз ноз аст,
Пур аз нозу ниёз аст.
Ҳар як нахи қолинаш
Гӯё, ки тори соз аст.

Қолин чу сабзаи тар,
Бо тасвири кабӯтар.
Гулҳои рангорангаш,
Хушнакҳату муаттар.

Шона гирад ба дасташ,
Ба дасти гулпарасташ.
Рӯҳи кас тоза гардад
Аз ҳар суруди масташ.

Қолинҳо чун гули нор,
Қолибҳояш бешумор.
Боҳунар асту гулдаст,
Шогирдонаш ҳам бисёр.

Қолинҳояш мунаққаш,
Сурхиаш ранги оташ.
Ҳам беҳтару босифат,
Ҳам арзон асту дилкаш.

### ФАСЛИ БАҲОР

Фасли баҳорон,
Зи нав биомад.
Ба қалби моён,
Пайки нав омад.

Фасли баҳорон
Фасли баҳорон.

Зи баҳри киштан,
Бобои деҳқон
Дона бипошад,
Ба дашту майдон.

Фасли баҳорон,
Файзи баҳорон.

Шукуфта аз нав,
Гулҳои бодом.
Шавад баробар,
Субҳидаму шом.

Фасли баҳорон,
Файзи баҳорон.

Гулҳои наврӯз,
Файзи дилафрӯз.
Ба ҷашни наврӯз,
Ба ёри дилсӯз.

Фасли баҳорон,
Файзи баҳорон.

Эй ёри зебо,
Ҳастӣ дилоро.
Бихон суруде,
Ба маҳфили мо.

Фасли баҳорон,
Файзи баҳорон.

### СОЛИ НАВ ОМАД

Таблак бизан рӯи бом
Набераҷони бобом,
Карнай навоз, Мардон,
Рақс кунад Гуландом.

Чӣ хуш Соли нав омад,
Шодам, ки аз нав омад.

Духтараки чаканпӯш,
Ҳалқаи заррин ба гӯш.
Ваҳ, чӣ ҷомале дорад,
Бо сурхии бари рӯ-ш.

Чӣ хуш Соли нав омад,
Шодам, ки аз нав омад.

Барфак аз дар даромад,
Аҷаб базме сар омад.
Рӯи Замин шуд сафед,
Аз нав Соли нав омад.

Ёрон, Соли нав омад,
Шодам, ки аз нав омад.

Овозаро шунида,
Бобо аз кӯҳ хамида.
Борхалташ пури бор,
Бар базми мо расида.

Гуфтем: «Соли нав омад,
Шодам, ки аз нав омад».

Тӯҳфа гирифта якчанд,
Бачаҳо гашта хурсанд.
Кошки шавад бобарор
Соли нави дилписанд.

Акнун Соли нав омад,
Чӣ хуш аз дар даромад.

# СКАНВОРД



Матои сафеди майит

Беадад, беҳисоб

...-Би-Си-шабакаи радиои хориҷӣ

Лётчики моҳир

Ҳарфи арабӣ

"Баъди султонӣ ... хуш намеояд маро"

Илтиҳоби кӯррӯда (тиб.)

Шаҳр дар шимоли ИМА

Даркорӣ, зарурӣ

Бадҷаҳлӣ

Азм, ирода

... Сафина, сарояндаи рус

Ба чашми худ дидан

Гӯсфанд

Маълумоти ...

Либос (китобӣ)

... Раҳимов, собиқ футболбози «Помир»

Олиҳаи зебой дар дини зардуштӣ

Таёқ

Қисми яроқи оташфишон

Агар Худо хоҳад

Нависанда Садриддин ...ӣ

Маркази вилоят дар Украина

Пойтахти Венесуэла

... Деол, ситораи кинои ҳиндӣ

Ҳам шаҳр ҳам донишгоҳ дар Англия

Автомобили рамзаш чор ҳалқа

Китоби Сино

Эмотсия

Шаҳраки кӯҳҳканон дар Суғд

Нотавонӣ, сустӣ

Муқобилмаънои ношунаво

Якҷояшавӣ, аралашкунӣ

Ҷаноби эронӣ

Мошинчаи боркашони анборҳо

Забони сунъӣ


бухараи шариф
„БУХАРАИ ШАРИФЪ"
"بخارای شریف"



Моҳи дуюми тобистон

Дарёи ... + дарёи Фурот (Евфрат)= дарёи Шат-ал-Араб

Кӯтоҳшудаи номи Екатерина

Микки ..., актёри амрикой

Сироятӣ

800x10

Номи пешинаи Истаравшан

Хайрхоҳ

Яроқи тарканда, норинҷак



Либос бо пойафзолаш

Ба чашм наменамояд

Мағоза дар Амрико

Покдомании зоҳирӣ

Осоиштагӣ, тинҷӣ

Номи китоби Монӣ

Сураи Қуръон

Давлати ҷазиравӣ дар ҷануби Осиё

... Чавес, собиқ президенти Венесуэла

Нидои мухлисони футбол

Ба забон овардан

Ҷойи аз офтоб паноҳ

... Деол, ситораи кинои ҳиндӣ

Санчиши хаттӣ дар мактаб

... Каримова, сарояндаи эстрада

Хушқадам

Том ..., актёри Ҳолливуд

Дарзмол

Тамом, интиҳо

Яке аз аъзо

Кӯтоҳ кардан

... шудан, ҳозир шудан

Ню-..., шаҳр дар Амрико

Ҳашароти хунмаке, ки дар тиб истифода мешавад

Шаҳр дар ҷазираи Сахалин

Моводи мухаддир аз Колумбия

Зарафшон, Ҳисор

Хӯроки саҳар

Мункар ва ...

Нодуруст

Мӯҳраи нард

Садои зоғ



Тамғаи киштиҳои кайҳонии СССР

Синтезатори ҷопонӣ

Сипос ва сано

Пеш аз пагоҳ

Номи мардона, «ягона» (арабӣ)

... ва Шодӣ (театр)

Вобаста, роҷеъ, дар хусус

Даниэл ..., муаллифи "Робинзон Крузо"

... ву ишора

Бонг, садо

Рафиқи духтар

Кушода (лаҳҷавӣ)

Қасри амири Бухоро

Пойтахти Бошқирдистони ФР

Ӯ дар чӯбу санг нақш мекананд

# ХУШТАР ЗИ КИТОБ ДАР ҶАҲОН, ЁРЕ НЕСТ!

***Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст.***
***Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.***



Китоб аст, ки ба мо нуру сафо мебахшад. Китоб аст, ки моро ба ҷаҳониён мепайвандад. Китоб аст, ки таърихи куҳанбунёди моро зинда нигоҳ медорад.

Китоб имрӯзу фардоро ба ҳам пайванд месозад. Китоб ба таълиму тарбияи мо мусоидат мекунад. Китоб ёру ғамхор, дӯсти вафодори мост.

***Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,***
***Дар иамкадаву замона ғамхоре нест.***
***Ҳар лаҳза аз е ба гӯшаи танҳоӣ,***
***Сад роҳат асту ҳаргиз озоре нест.***

Маҳз тавасути китоб мо кӣ будани худро мефаҳмем ва ба он мефахрем, кӣ чӣ қадар олимону орифон доштем, ки барои мо ин гуна ганҷи беандоза гаронро ба мерос гузоштаанд.

Гузаштагони мо чӣ қадар заҳматҳо кашидаанд, то ки насли баъдина аз ҳама чиз огоҳӣ дошта бошанд.

Сарчашмаи ҳамаи ин китобу илму фан маҳз, китобҳои осмонӣ ҳастанд,

Пас аз ин бармеояд, ки ҳамаи сирри ниҳонро мо метавонем аз китоб дарёбем.

Биёед, китобхон бошем, вақти қиммати худро ба ҳар кори беҳуда сарф нанамоем, дар ҷустуҷӯйи илму дониш бошем. Аз ашъори гузаштагон бохабар бошем.

Онҳо пайваста дар пайи илму дониш буданд, моро таъкид сохтаанд, ки китоб хонед, хирад андӯзед, ҳунар аз худ кунед, ки ҳунарро бузургони мо «давлати пояндa ва чашмаи зоянда» гуфтаанд.

Хондани китоб ба кас илҳоми тоза мебахшаду онро аз гузаштаву имрӯзаву оянда огоҳ месозад. Вале дар ҷаҳони имрӯза, чун техникаву технология зиёд гардидааст, хондани китоб ба дараҷае коста гардидааст, ки то ҳатто хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ китобҳои дарсиро варақгардон намекунанд, ҳол он ки имрӯз, чӣ қадар китобҳову маводҳои нав ба нав чоп мегарданд. Ба ғайр аз китобҳои дарсӣ дар китобхонаҳои кишварамон китобҳои зиёди бадеи ҳастанд, ки бояд хонда шаванд, вале аксаран ин китобхонаҳо хонандаи худро пайдо намекунанд.

Дар вақтҳои пеш ҳатто мактаб ҳам набуд. Чуноне ки мо аз китоби зиндагиномаи бузургоне чун Рудакӣ, Сино, Ҳофиз, Ҷомӣ медонем, онҳо ҳатто озодона наметавонистанд таҳсили илм намоянд. Вале ба ин нигоҳ накарда, онҳо китоб мехонданд, ҳамеша дар ҷустуҷӯйи илму дониш буданд ва имрӯз дар ҷаҳон осори гаронбаҳои ин орифон муаррифгари адабиёт, фарҳанг, санъат ва маданияти мардуми Шарқ гардидааст.

Вале чаро ҷавонони имрӯза бо ин гуна озодиву ободиву пешравӣ рӯй ба китоб намеоваранд ва ба ҳар гуна корҳои ношоиста даст мезананд?

***Биёед эй рафиқон дарс хонем,***
***Ба бекориву нодонӣ намонем.***
***Ба олам ҳар касе бекор гардад,***
***Ба чашми аҳли олам хор гардад.***

Барои он ки ҳар инсон азиз бошаду онро дар ҷомеа чун шахсият шуморанд, ба ӯ зарур аст, ки китобхон бошаду дар пайи илму дониш бошад.

Ҳатто Пешвои муаззами миллат низ ба китоб рӯй оварда, онро барои мо чунин муаррифӣ месозад: - «китоб аст, ки бо нури донишу маърифат роҳи мардумро равшан сохта, боиси ҳастиву пойдории миллат, таърих, забон, адабиёт ва фарҳанг гардидааст».

«Китоб аст, ки таърихи куҳанбунёди мо ганҷинаҳои тамаддуни башарӣ, дурдонаҳои назми ҳазорсолаи мо, достонҳо ва илму дониши даврони бостонӣ, хираду заковати наслҳо ва халқҳоро зинда нигоҳ медорад».

Ва баргузор намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ… » низ як иқдоми хеле наҷибу саривақтӣ мебошад, ки дар китобхон гардидани мардум мусоидат менамояд.

***«Бешкент»***

ЗОДРӮЗ МУБОРАК!



Абдувоҳиди дӯстрӯяк! Шуморо бо фарорасии мавлуди хуҷастаатон самимона таҳният мегӯем. Бароятон, қабл аз ҳама умри дарози бехазон, толеи баланд ва хушбахтии ҷовидонаро таманно дорем.

Бигузор ҳамеша зебою кушодачеҳра, саломату дилписанд бимонед.

Аз даргоҳи Офаридгор талаб менамоем, ки ҳамеша шуморо саодатманду нерӯманд ва толеъбаланду фараҳманд дар паноҳаш нигоҳ дорад.

Мо, ҳама, шуморо дӯст медорем.
Нигаҳбонат Худо бошад,
Паноҳат Мустафо бошад.
Ҳабибат ҷилди Қуръону,
Ҳаётат босафо бошад..

Бо табрикоти самимӣ: Бибият Розия Нурова, модарат Мисрия, падарат Сабоҳуддин, холаат Ямина ва тағоят Худоёр.

# ПЕШГИРИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ - КАФОЛАТИ САЛОМАТӢ

***Барои пешгирии бемории ВНМО, ин вабои аср, ки боиси ҳалокати ҳазорон одамон дар рӯйи олам мегардад, дар ҳама ҷо, аз он ҷумла дар ноҳияи Носири Хусрав тадбиру чораҳои мушаххас андешида мешавад.***

Боиси таассуф аст, ки то ҳол дар ҷаҳон барои табобати пурраи ин беморӣ ягон доруе кашф нашудааст. Вале он маводи зидди витровирусие, ки имрӯз дар саросари олам, аз он ҷумла дар Тоҷикистон, мавҷуд ва мавриди истифода қарор дорад, барои паст кардани сатҳи зиёди вирус дар организм мусоидат мекунад ва шахси сироятёфта метавонад, ба қадре табобат ёбад, ки боз солҳои тӯлонӣ зиндагӣ кунад.

Мавриди зикр аст,ки дар ноҳия нисбати соли-2018 дар соли-2019 теъдоди сироятёфтагон зиёд шудааанд. Дар ноҳия дар маҷмӯъ то имрӯз 21- нафар сироятёфта ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин миқдор 3 нафарашон фавтидаанд.

Солҳои охир сироятшавӣ ба ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам)-БПНМ (Бемории пайдошудаи норасоии одам) бо роҳи алоқаи ҷинсӣ бештар ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2018-ум 2-нафар сироятшуда 1-нафар мард ва 1-нафар зан ба қайд гирифта шудааст, ки инҳо бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ба ВНМО-БПНМ гирифтор шудаанд.

Дар соли сипаришуда 4-нафар сироятшуда ба қайд гирифта шудааст,ки аз инҳо 2-нафарашон мард ва 2-нафарашон занмебошанд, ки ҳам бо роҳи алоқаи ҷинсӣ ба ВНМО-БПНМ гирифтор шудаанд.

Аз моҳи январи соли-2020 то ин ҷониб сироятшудагон дар маркази ВНМО-и ноҳия ба қайд гирифта нашудааст.

Ба тавաҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонем, ки сироят шудани ин ё он шахсро фақат таҳлили хун метавонад муайян кунад. Шахси сироятшуда то даме ки маводи хуни худро аз ташхис барои дарёфти ВНМО-БПНМ нагузаронад, солҳо метавонад дигаронро сироят кунад ва чандин оилаҳоро бадбахт созад.

Ба мақсад мувофиқ мебуд агар ҳар як шаҳрванд ё худ шахсони ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар як сол як маротиба аз ташхиси ВНМО мегузаштанду аз вазъи саломатии худ воқиф гардида, хешу табор ва ё шахсони дигари солимро аз мубтало гардидан ба ин вируси наслкуш ва хатарзо эмин нигоҳ медоштанд.

***Низомиддин ОДИНАЕВ,***
***Директории маркази ВНМО-и ноҳияи Носири Хусрав***



**«Бешкент»**
Муассис: Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Носири Хусрав



Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 феврали соли 2019, таҳти №128/РЗ-97 ба қайд гирифта шудааст.

Нашрия ба хотири гуногунандешӣ низ мавод ба табъ мерасонад ва идораи рӯзнома метавонад ба муҳтавои он ҳамфикр набошад.

Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**Ҳайати таҳририя:**

Сармуҳаррир: Сумангул АСАДБЕКОВА
Котиби масъул: Хушрӯзи МУЛОАСЕН
Мудири шуъба: Амриддин ВАЗИРОВ
Хабарнигор: Замира БУТАЕВА
Саҳифабанд: Рустам САФАРОВ

Рӯзнома дар ҶСК Матбаа-и Қӯрғонтеппа бо теъдоди 620 нусха ба табъ расидааст.

Супориши рақамӣ: ___

Нишонӣ:шаҳраки Баҳор, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, ошёнаи дувуми Қасри фарҳанг.
тел: 8(3258) 2-21-64
E-mail: n.husrav@mail.ru